# Нишасти матбуотии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 28 July, 2025 - 12:12

[1]

Имрӯз дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишасти матбуотӣ баргузор гардид. Зимни он Раиси Кумитаи забон ва истилоҳот вобаста ба фаъолияти Кумита дар шашмоҳаи якуми соли 2025 ба намояндагони ВАО маълумот пешниҳод намуданд. Гуфта шуд, ки Кумита ҷиҳати риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва «Дар бораи Феҳристи номҳои

миллии тоҷикӣ» дар нимсолаи якуми соли 2025 фаъолияти 39 адад мақомоту идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои давлатиро мавриди назорату санҷиш қарор дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (нимсолаи якуми соли 2024 18 адад мақомоту муассисаҳои давлатӣ) 21 адад ё 59% зиёдтар мебошад.
Кумита ҷиҳати иҷрои супориши роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8-уми ноябри соли 2013, №30/10-4, Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми марти соли 2014, №3 оид ба иҷрои бевоситаи вазъи риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, нуқтаҳои савдо ва марказҳои хизматрасонии маишӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Рекламаи берунӣва ороиши шаҳри Душанбе» 266 маводи ташкилоту муассисаҳои рекламаистеҳсолкунанда ва соҳибкорони инфиродиро ҷиҳати мутобиқати забони матни ангораҳо ванавиштаҷоту овезаҳои рекламавӣ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ карда, онро мувофиқа намудааст.
Дар нимсолаи якуми соли 2025 Кумита дар муқоисабаҳаминдавраисоли гузашта (нимсолаи якуми соли 2024 246 адад мавод) 20 адад мавод ё 8% зиёдтар маводи ташкилотҳои болозикрро баррасӣ ва мувофиқа намудааст.
Дар нимсолаи якуми 2024дар умум 69690 истилоҳ дар баррасии Кумита қарор дошт, дар нимсолаи якуми 2025 бошад 10936 истилоҳ баррасӣва мувофиқа шуда, ки аз он 6 луғат, 2 дастури таълимӣ-коргузорӣ, 4 асари Пешвои миллат, 4 филмномаи Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм», 10 вожаву истилоҳоти тахассусӣ ва ғ. мебошад.
Кумита дар нимсолаи якумисоли 2025 теъдоди 42 адад лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро аз нигоҳи экспертизаи забоншиносӣва танзиму ҳамгунсозии истилоҳот баррасӣ карда, хулосаҳо додааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта (соли 2024 теъдоди 64 адад буд) 22 адад ё 34,3% камтар лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод гардидаанд.
Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ», ки аз 27-уми июли соли 2016, №325 тасдиқ гардидааст, Кумита ба ҳайси ҳамоҳангсоз ва назоратбарандаи сиёсати забони давлатӣ оид ба номгузории шаҳрвандон муайян гардида, тибқи талаботи Феҳристи мазкур оид ба номгузории фарзанд, ивази ному насаб ва дуруст нависии онҳо дар шаҳодатномаи таваллуд, шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ фаъолиятро ба роҳ мондааст.Дар нимсолаи якуми соли 2025 ба 245 муроҷиати шаҳрвандон оид ба номгузории фарзанд дар асоси хулосаи Комиссияи номгузории номҳоимиллии назди Кумита хулоса пешниҳод шудааст.

**Content rating:** 5

Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]
- Ҳисоботҳо [4]

- 

-

- 

- 

2%D0%B8%20%D0%BC%D0%B0%D1%82%D0%B1%D1%83%D0%BE%D1%82%D3%A3%202025.pdf

**Source URL:**https://www.kumitaizabon.tj/en/node/7155?mini=2026-03

**Links**
[1] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/0002.jpg [2] https://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/28 [3] https://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/10 [4] https://www.kumitaizabon.tj/en/taxonomy/term/27 [5] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0001_1.jpg [6] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0002_0.jpg [7] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0003_0.jpg [8] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0004_0.jpg [9] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/0005_1.jpg